

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№19 (4915)

ДУШАНБЕ,
10 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Подшоҳии Баҳрайн таъин намудани Каримӣ А.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Каримӣ Акрам Муҳаммадрасул ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Подшоҳии Баҳрайн таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2025, №960**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳертсогии Бузурги Люксембург таъин намудани Ҳусейнзода М.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия Ҳусейнзода Музаффар Маҳмурод ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳертсогии Бузурги Люксембург таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2025, №961**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия**

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқи моддаҳои 143, 147 ва 149 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», моддаҳои 12 ва 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» **фармон медиҳам:**

1. Аз 1 сентябри соли 2025:

- ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 дарсад зиёд карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 20 дарсад зиёд карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ 20 дарсад зиёд карда шуда, 744 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ 1345 сомонӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 1255 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида 1390 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 20 дарсад зиёд карда шаванд;
- маоши вазифавӣ (меъёрҳои тарифӣ)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 20 дарсад зиёд карда шавад;
- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 1668 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 1500 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, 1500 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида 1668 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 дарсад зиёд, яъне индексатсия карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- амалишавии фармони мазкурро дар соли 2025 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, аз ҳисоби сарфаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, азнавтақсимкунии моддаҳои дигари хароҷот, маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;
- дар муҳлати як моҳ қарорҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд;
- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигар ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманд (ба ғайр аз нафақа)-ро мутобиқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди муҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъин намудани нафақа, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 8 феврали соли 2025, №962**



## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мукофотонидани 46 ғолиб ва ҷоизадори мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо тибқи рӯйхати замимагардида 1787 500 (як миллиону ҳафтсаду ҳаштоду ҳафт ҳазору панҷсад) сомонӣ ҷудо намояд.

2. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хароҷоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 10 феврали соли 2025, №АП-743**

## ТАВЗЕҲОТ

### ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия»

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат муайян намудаанд.**

Дар ин робита, моҳи декабри соли 2024 ҳангоми ироаи Паёми навбатии худ ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дастур доданд, ки аз 1 сентябри соли 2025 маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва кормандони ташкилотҳои дигари буҷетӣ, инчунин стипендия ва нафақа зиёд карда шавад.

Дар ин раванд, 8-уми феврали соли ҷорӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ба тасвиб расид.

Бо таваҷҷуҳ ба маблағгузории соҳаи маориф ва дастгирии иҷтимоии кормандони ин соҳа, тибқи фармони мазкур маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд мегардад.

Маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, мактабҳои махсуси варзишӣ, донишкадаю марказҳои такмили ихтисос ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф ва муассисаҳои илмӣ ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла аз рӯйи мансабҳои сартабиб, табиб, кормандони миёна ва кормандони хурди тиббии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ 20 фоиз зиёд гардида, пардохти он аз рӯйи Дастурамал оид ба тартиби таъин ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Маоши кормандоне, ки дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ фаъолият менамоянд, 20 фоиз зиёд мегардад, яъне маоши вазифавии кормандони тиббӣ, маъмурӣ ва хоҷагии хона-интернатҳо барои маъюбону пиронсолон, дигар муассисаҳои низоми иҷтимоӣ, аз ҷумла осоишгоҳҳо, литсей-интернатҳои касбии махсуси маъюбон, шуъбаҳои кумаки иҷтимоӣ дар хона ва дигар муассисаҳои соҳа ба ҳамин андоза зиёд карда мешавад.

Инчунин, музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг, аз ҷумла китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳои давлатӣ, матбуоти даврӣ, телевизиону радио ва дигар муассисаҳои соҳаи фарҳанг 20 фоиз зиёд карда шуда, тибқи тартиби муайяншуда пардохт мегардад.

Бо мақсади ҷалб намудани мутахассисони болаёқат ба хизмати давлатӣ андозаи маоши заминавӣ барои мансабҳои маъмурии хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот 20 фоиз зиёд мешавад.

Дар асоси фармони мазкур маоши вазифавии кормандони дигар муассисаву ташкилотҳо низ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 20 фоиз зиёд мегардад.

Ҳамзамон бо ин, аз 1 сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне индексатсия, карда мешавад.

Тибқи фармони мазкур аз 1 сентябри соли 2025 ҳадди ақали музди меҳнат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда мешавад, яъне музди меҳнати моҳонаи кормандон дар ҳамаи муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, аз 1 сентябри соли 2025 набояд аз 1000 сомонӣ кам бошад.

Дар асоси фармони зикршуда стипендияҳои амалкунанда, аз ҷумла стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбию илмӣ ва стипендияи давлатӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Маблағгузории маоши зиёдшуда пурра аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таъмин карда мешавад.

## ТАВЗЕҲНОМА

### ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфароз гардонидан бо Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ»

**Дар ҷаҳони муосир варзиш ба василаи муҳимтарини таъмини сулҳ ва ҳамзистии ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, тавассути он давлатҳо ва халқу миллатҳо мақом ва нуфузи байналмилалии худро ҳифз намуда, аз ҳувияту шарафи худ дифоъ менамоянд.**

Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ аз ҷумлаи арзишҳои таърихии фарҳанги миллии мо ба шумор рафта, ҳанӯз аз замонҳои қадим тоҷикон дорои намудҳои гуногуни бозиҳои миллии варзишӣ буданд ва ба он майлу рағбати беандоза доштанд.

Дар фарҳанги миллии мо варзиш рамзи ҷавонмардӣ ва шуҷоату далерӣ шинохта шуда, наврасону ҷавонон ба таври оммавӣ ба машқу тавонмандӣ ҷалб карда мешаванд.

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ варзиш дар сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи шоиста касб намуда, ҷиҳати омода кардани варзишгарони касбӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои варзиш шароити зарурӣ фароҳам гардидааст.

Бо дарназардошти ин, соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ба оммавигардонии варзиш, таҳким бахшидани тарзи ҳаёти солим ва омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар заминаи шароити муҳайёшуда варзишгарони кишвар тавониста истодаанд, ки мақом ва шарафи кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳифз созанд ва онро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Имрӯз, бо мақсади ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки тибқи он барои қадршиносии 46 нафар ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо 1 787 500 (як миллиону ҳафтсаду ҳаштоду ҳафт ҳазору панҷсад) сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Ин иқдом идомаи қадршиносиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушди варзиш ва ҳавасмандгардонии варзишгарони баору номуси Тоҷикистон буда, бори дигар собит менамояд, ки рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамеша дар мадди назари Сарвари давлати Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз соли 2015 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» ба тасвиб расида буд, ки тибқи он соли нуҳум аст ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ бо ҷоизаи мазкур қадршиносӣ мегарданд.

То ин давра ба 370 нафар ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ аз Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 миллиону 250 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ ҷудо гардида, дар вазъияти тантанавӣ тақдим карда шудааст.

Ҳадафи асосӣ аз амалӣ кардани сиёсати давлат дар соҳаи варзиш, пеш аз ҳама, тарбия намудани насли худшиносу худогоҳ, донишманду созанда, соҳибмаълумоту соҳибкасб, аз лиҳози ҷисмониву маънавӣ обутобёфта ва бо ҳамин роҳ ба вуҷуд овардани заминаи боэътимод барои ҷомеаи тавонои Тоҷикистон мебошад.

**www.prezident.tj**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**Даҳуми феврали соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Оид ба баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирдодашуда» мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба он Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон қабул шуд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардиданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи сафари ҳайати парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Боку» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

Интихоботи вакилони халқ - 2025

# ШАФФОФИЯТ ТАЪМИН МЕГАРДАД

**Хонандагони азиз, тавре хабар доред, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми марти соли равон дар кишварамон интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 28 марти ҳамин сол интихоботи даъвати нави аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Вобаста ба аҳамияти ин маъракаи муҳими сиёсӣ ва тартиби иштирок дар он бо котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз САМАДЗОДА мусоҳиба намудем:**

**- Интихобот ҳамчун маъракаи сарнавиштсози сиёсӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди демократия тавассути амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва интихоби шахсони мансабдори он мебошад. Махсусият ва фарқияти ин маъракаи муҳим дар кишвари мо кадомҳоянд?**

- Интихобот муҳимтарин падидаи демократия буда, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиест, ки дар алоқамандӣ бо ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихобкунӣ ва интихобшавӣ ба вуҷуд меояд. Қисми муҳимтарини ин муносибатҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқии интихобот ба танзим дароварда мешавад. Қобили қайд аст, ки дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо дар бобати ташкил ва гузаронидани интихобот заминаи мусоиду боэътимоди ҳуқуқию сиёсӣ ба вуҷуд омада, дар байни субъектҳои раванди интихобот ҳамдигарфаҳмӣ, баҳсу муколамаҳои созанда, дарки мақсаду мароми тарафайн ва фазои орому озод фароҳам аст.

Интихобот аз рӯйи принсипҳои умумӣ, баробар, бевосита ва пинҳонӣ гузаронида мешавад ва ин принсипҳо дар Конститутсия ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидаанд. Маҳз ҳамин нуктаро ба назар гирифта Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид намуданд: «Интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд».

**- Равобиту ҳамкории Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) бо ҳизбҳои сиёсӣ дар кадом сатҳ аст?**

- Мо аз сатҳу сифати ҳамкорӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ, ки аз субъектони фаъоли интихобот маҳсуб меёбанд, қаноатмандем. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон 7 ҳизби сиёсӣ - Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон ва Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, фаъолият доранд.

Қонунгузор дар моддаи 30 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуқуқи пешбарии номзадҳоро муқаррар кардааст. Шоҳид ҳастем, ки барои дар парлумон соҳиби мандати вакилӣ гардидан ҳизбҳои сиёсие, ки дар мамлакат ба таври расмӣ ба қайд гирифта шудаанд, рӯйхати номзадҳояшонро дар анҷумани ҳизб (конференсия) пешниҳод намуда, барои иштирок дар интихобот ва ба даст овардани овозҳои интихобкунандагон ба интихобкунандагон барномаҳои худро пешниҳод намуданд. Мутобиқати пешбарии рӯйхатҳои ҳизбӣ ба қонунгузории интихоботии кишвар санҷида шуда, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ рӯйхатҳои мазкурро тасдиқ намуд.

**- Маълум аст, ки барои пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин, шаҳрвандон бо роҳи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд. Дар бораи тартиби пешниҳоди номзадҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ маълумот кофӣ аст, вале на ҳама тартиби пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот ба тартиби худпешбариро медонанд...**

- Пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот ба тартиби худпешбарӣ бо роҳи пешниҳоди ариза ба комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба овоз мондани номзадии ӯ сурат мегирад. Номзад бояд барои тарафдории худ на камтар аз 500 имзои интихобкунандагони ин ҳавзаро ҷамъ орад. Ҳар интихобкунанда бояд ба тарафдории фақат як номзад аз ҳавзаи маҳали истиқомати худ имзо гузорад. Дар варақаҳои имзогузорӣ насаб, ном ва номи падар, номзад ва шахси ташаббускори номзад, ҷойи истиқомат, серия ва рақами шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти шахси ташаббускорро тасдиқ мекунад, рақами тартибӣ, насаб, ном ва номи падари ӯ, рӯз, моҳ ва соли таваллуд, шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти имзогузорандаро тасдиқ мекунад, силсила ва рақами он ҳуҷҷатҳои истиқомат, имзои шахси имзогузоранда ва таърихи имзои варақа сабт мегарданд. Намунаи варақаи имзогузориро Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ муайян мекунад.

**- Маблағгузории интихобот ва гарави интихоботӣ аз масъалаҳои таваҷҷуҳбарангез дар ин маъракаи муҳим маҳсуб мешавад. Лутфан дар ин бобат маълумот диҳед.**

- Бояд мадди назар дошт, ки маблағ барои тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо мешавад. Ба ғайр аз ин, номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон, ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар интихобот иштирок мекунанд, хазинаи интихоботии худро барои маблағгузории интихобот таъсис медиҳанд. Маблағҳои хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ ва ҳизби сиёсӣ дар суратҳисоби муваққатии махсуси Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва шуъбаҳои он нигоҳ дошта мешаванд.

Тибқи муқаррароти мавҷуда, хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ ва ҳизби сиёсӣ аз маблағҳое, ки барои ташвиқоти пеш аз интихобот аз тарафи комиссияҳои дахлдори интихобот ҷудо карда мешаванд, маблағҳои шахсии номзад ба вакилӣ, ки он набояд аз 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд, маблағи ҳизби сиёсӣ барои номзаде, ки ҳизби сиёсӣ ба ҳавзаи якмандатии интихобот пешбарӣ намудааст, набояд аз 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад ва маблағҳои хайрияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ташкил меёбад.

Бояд донист, ки маблағҳои хайрияи шахсони воқеӣ барои хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ набояд аз 50 (панҷоҳ) ва барои ҳизби сиёсӣ набояд аз 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд. Мутаносибан маблағҳои хайрияи шахсони ҳуқуқӣ барои хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ набояд аз 100 (сад) ва барои ҳизби сиёсӣ набояд аз 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд.

Муҳимтар аз ҳама, ба таври хайрия маблағгузорӣ ба хазинаи интихоботии номзад ба вакилӣ ва ҳизби сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо, созмонҳо ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 нарасидаанд, шахсони ҳуқуқие, ки бо иштироки саҳмияи хориҷӣ таъсис ёфтаанд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳое, ки саҳми давлат дар онҳо аз сӣ фоиз зиёд мебошад, қисмҳо, ҷузъу томҳо ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, иттиҳодияҳои динӣ, ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва дигар ташкилотҳое, ки аз ҷониби онҳо таъсис дода шудаанд, манъ аст.

Вобаста ба қисмати дувуми савол бояд гуфт, ки номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот пеш аз бақайдгирӣ ва баъди аз тарафи комиссияи ҳавзавии дахлдори интихобот муайян намудани мувофиқати ӯ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз маблағи шахсии худ ба суратҳисоби муваққатии махсуси КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва шуъбаҳои он 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо гарави интихоботӣ месупорад.

Дар сурати ба даст овардани на кам аз 10 фоизи овозҳои интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии дахлдори дар овоздиҳӣ иштироккарда гарави интихоботӣ ба номзад баргардонида мешавад. Ҳангоми бекор кардани қарори пешбарии номзад аз тарафи ҳизби сиёсӣ ё пас гирифтани номзадӣ аз ҷониби номзад гарави интихоботӣ бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ мегузарад.

**- Барои интихобкунандагоне, ки дар рӯзи интихобот ба участкаи интихобот, ки дар он ҷо ба рӯйхати интихобкунандагон дохил шудаанд, имконияти омадан надошта бошанд, чӣ муқарарот аст?**

- Дар чунин ҳолат интихобкунанда ҳуқуқ дорад 7 рӯз пеш аз рӯзи интихобот ба бинои комиссияи ҳавзавии дахлдори интихобот омада, бо пур кардани бюллетен овоз диҳад. Комиссияи интихобот вазифадор аст, ки махфияти овоздиҳии ӯро таъмин намояд, ба ғалат нишон додани изҳори иродаи вай роҳ надиҳад, ҳифзи бюллетен ва баҳисобгирии овози интихобкунандаро дар вақти муқаррар намудани натиҷаи овоздиҳӣ ва муайян кардани ҷамъбасти интихобот таъмин созад. Бюллетени интихобот, ки пешакӣ аз тарафи интихобкунанда пур карда шудааст, ба лифофа гузошта, он ширеш карда мешавад ва дар ҷойи ширешшуда имзои ду нафар аъзои комиссияи дахлдори интихобот гузошта, бо муҳри комиссияи интихобот ва имзои овоздиҳанда тасдиқ карда мешавад. Лифофаи ширешкардашударо котиби комиссияи дахлдори интихобот дар бинои комиссияи ҳавзавии интихобот то лаҳзаи ба комиссияи участкавии интихобот супурдани бюллетенҳо нигоҳ медорад.

Дар рӯзи овоздиҳӣ раиси комиссияи участкавии интихобот дар ҳузури аъзои комиссияи участкавии интихобот, мушоҳидон ва дигар шахсон пеш аз оғози овоздиҳӣ дар бораи шумораи интихобкунандагоне, ки пешакӣ овоз додаанд, маълумот дода, лифофаҳоеро, ки дар онҳо бюллетенҳои овоздиҳӣ ҷойгиранд ва рӯйхати интихобкунандагонеро, ки пешакӣ овоз додаанд, нишон медиҳад. Баъд аз ин лифофаро ба навбат бо риояи махфияти изҳори иродаи интихобкунандагон мекушояд ва бюллетенҳоро ба қуттии овоздиҳӣ мепартояд. Шумораи интихобкунандагоне, ки пешакӣ овоз додаанд, қабл аз овоздиҳӣ ба протокол дар бораи натиҷаи овоздиҳӣ сабт гардида, дар рӯйхати интихобкунандагоне, ки пешакӣ овоз додаанд, дар муқобили насаб, ном ва номи падари онҳо ишораи «Пешакӣ овоз додааст» гузошта мешавад. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки овоздиҳии пешакӣ дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ҷой надорад.

**- Тибқи таҷрибаи роиҷ, бо мақсади мушоҳидаи интихобот мушоҳидони байналмилалӣ даъват мешаванд. Онҳо чӣ мақому ваколат доранд?**

- Фаъолияти мушоҳидони байналмилалӣ баъд аз аккредитатсияи онҳо аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфта, пас аз эълон гардидани натиҷаи пешакии интихобот қатъ мегардад.

Мушоҳидони байналмилалӣ ҳуқуқ доранд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳое, ки ҷараёни интихоботро танзим менамоянд, дастрас кунанд, бо ҳизбҳои сиёсие, ки дар интихобот ширкат доранд ва бо номзадҳои алоҳида вохӯрии расмӣ доир намоянд, дар участкаи интихоботӣ ва бинои овоздиҳӣ, аз ҷумла дар рӯзи овоздиҳӣ, ҳузур дошта бошанд ва ҷараёни овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва муайян намудани натиҷаи онҳоро, дар шароите ки ба мушоҳидаи ҳисоби бюллетенҳо имкон медиҳад, мушоҳида намоянд. Илова бар ин, онҳо ҳуқуқ доранд бо натиҷаи баррасии шикоятҳо (аризаҳо) ва эродҳо вобаста ба вайрон кардани қонунгузории интихобот шинос шуда, ба намояндагони комиссияҳои интихобот бе дахолат ба кори онҳо оид ба мушоҳидаҳои худ иттилоъ диҳанд.

Ҷанбаи муҳими фаъолияти мушоҳидони байналмилалӣ баъд аз ба анҷом расидани овоздиҳӣ изҳор намудани ақида оид ба интихобот ва пешниҳоди хулоса оид ба мушоҳидаи ҷараёни интихобот ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳамин ҳол мушоҳидони байналмилалӣ ҳуқуқ надоранд, ҳангоме ки интихобкунанда дар бюллетенҳои интихобот қайдҳои худро мегузорад, дар ҳуҷраи овоздиҳӣ ҳозир бошанд, ба интихобкунандагон таъсир расонанд, ягон хел мавод ё адабиёти тарғиботиро паҳн намоянд, нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо ба вакилӣ ё тартиби гузаронидани интихобот афзалиятеро баён намоянд, аз интихобкунандагон ба тарафдории кӣ овоз додани онҳоро пурсанд ва дар хулосаи худ аз ҳолатҳое, ки бо ҳуҷҷатҳо асоснок нагардидаанд ва қобили тафтиш нестанд, истифода баранд.

**- Ҳизбҳои сиёсие, ки номзадҳои худро ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзадҳое, ки ба вакилӣ ба тарзи худпешбарӣ пешниҳод шудаанд, бо тартиби муқарраргардида рӯйхати мушоҳидони миллиро барои бақайдгирӣ ба комиссияҳои ҳавзавии дахлдори интихобот пешниҳод менамоянд. Бигӯед, ки мушоҳидони миллӣ дорои кадом ҳуқуқҳо ҳастанд?**

- Шинос шудан бо рӯйхати интихобкунандагон ва протоколҳои комиссияҳои участкавии интихобот оид ба натиҷаи овоздиҳӣ ва комиссияҳои ҳавзавии интихобот дар бораи натиҷаи интихобот, мушоҳида намудани супоридани бюллетенҳои овоздиҳӣ ба интихобкунандагон, шикоят намудан аз қарор ва амали (беамалии) комиссияи интихобот ба комиссияи болоии интихобот ё суд ва ҳузур доштан ҳангоми ҳисоби такрории овозҳои интихобкунандагон дар комиссияҳои дахлдори интихобот ҳуқуқҳои мушоҳидони миллӣ маҳсуб мешавад.

**- Дар робита ба ин маъракаи сиёсӣ ҳуқуқи бевосита ва бавоситаи интихоботро ёдрас менамоянд. Шарҳу тавзеҳи ин масъала барои хонандагон ҷолибу муфид хоҳад буд.**

- Ин масъала дар моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шуда, тибқи он вакилони Маҷлиси намояндагон аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита интихоб карда мешаванд. Ҳуқуқи бавоситаи интихоб ба аъзои Маҷлиси миллӣ рабт дорад, ки аз тарафи вакилони мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ интихоб мешаванд.

**- Номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки рӯйхати номзадҳоро пешниҳод намудаанд, ҳуқуқ доранд шахсони боэътимод дошта бошанд. Дар навбати худ ин ашхос чӣ ҳуқуқу уҳдадорӣ доранд?**

- Бақайдгирии шахсони боэътимод дар муддати се рӯз аз тарафи комиссияи интихобот, ки номзадро (рӯйхати номзадҳоро) ба қайд гирифтааст, дар асоси аризаи хаттии номзад, пешниҳоди ҳизби сиёсӣ ва аризаи шаҳрванд барои розигиаш дар бораи шахси боэътимод шудан сурат мегирад. Номзадҳо метавонанд то 5 нафар шахсони боэътимод ва ҳизбҳои сиёсие, ки рӯйхати номзадҳоро пешниҳод намудаанд, то 5 нафар шахсони боэътимод дошта бошанд. Аъзои комиссияҳои интихобот, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо, хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ наметавонанд шахсони боэътимод бошанд.

Шахсони боэътимоди номзадҳо ҳуқуқ доранд, ки бо ҳар шаклу усули қонунӣ барои интихоб шудани номзад (рӯйхати номзадҳо) ташвиқот баранд, дар маҷлисҳои пешазинтихоботӣ, вохӯрӣ бо интихобкунандагон баромад кунанд ва дар баҳсу мунозираҳои пешазинтихоботӣ иштирок намоянд, барои гузаронидани маҷлисҳои пешазинтихоботӣ ва вохӯриҳо бо интихобкунандагон аз кумаки мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот истифода баранд, дар маҷлисҳои комиссияҳои интихоботӣ иштирок кунанд аз қарору амалҳои комиссияи интихобот шикоят кунанд ва дар баррасии шикояту аризаҳо иштирок намоянд. Бояд мадди назар дошт, ки шахсони боэътимоди номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ надоранд ба кори комиссияҳои интихоботӣ мудохила намоянд.

**- Дар арафаи интихобот нақши журналистон вобаста ба тарғибу ташвиқ барҷастатар мегардад. Дар ин раванд бояд кадом муқаррарот мадди назар бошад?**



- Бояд гуфт, ки ба шаҳрвандон, номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ дар давраи пеш аз интихобот бе мамониат ташвиқот бурдан шароит фароҳам аст. Шаҳрвандон, номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бо шаклу усулҳои қонунӣ барои иштирок дар интихобот озодона ва ҳаматарафа ташвиқот баранд, барномаҳои пешазинтихоботии номзадҳо, сифатҳои сиёсӣ, корӣ, шахсии онҳо, ҳамчунин, барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсиро муҳокима намоянд, ба тарафдорӣ ё зидди ин ё он номзад дар маҷлисҳо ва воситаҳои ахбори омма ташвиқот баранд.

Ташвиқоти пешазинтихоботӣ тариқи воситаҳои ахбори омма, гузаронидани маъракаҳои оммавӣ, нашр ва паҳн намудани маводи чопии ташвиқотӣ ва дигар шаклҳое, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудааст, сурат мегирад.

Дар ташвиқоти пеш аз интихобот аъзои комиссияҳои интихобот, иттиҳодияҳои динӣ, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, мушоҳидони байналмилалӣ иштирок карда наметавонанд. Ҳамчунин, дар ин раванд иштироки намояндагони давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд манъ аст.

Журналистон, дигар кормандони эҷодӣ, ҳамчунин, шахсони мансабдори идораҳои воситаҳои ахбори омма, ки онҳо номзад ва ё шахсони боэътимод мебошанд, наметавонанд дар инъикоси ҷараёни интихобот тариқи воситаҳои ахбори омма иштирок намоянд. Воситаҳои ахбори омма, ки дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ иштирок менамоянд, ҳуқуқ надоранд ба нашри иттилооте, ки шаъну шараф ва обрӯю эътибори кории номзадро паст мезанад, роҳ диҳанд.

**- Ба интихобкунандагон, ки яке аз субъектҳои асосии раванди интихобот мебошанд, чӣ гуфтанӣ доред?**

- Ба интихобкунандагони гиромӣ муроҷиат намуда, даъват дорам, ки фаъолона, бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ, дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ ширкат варзанд ва рӯзи 2 марти соли 2025 номзади арзандаю лоиқро интихоб намоянд.

**- Барои суҳбати муҳим ташаккур.**

**Мусоҳиб Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# КМИР ХАБАР МЕДИҲАД

**7-уми феврали соли 2025 дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа баргузор гардид.**

Дар ҷаласа масъалаи бақайдгирии рӯйхати номзадҳо аз Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот баррасӣ гардид.

Дар марҳалаи пешбарӣ ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ 70 нафар номзад пешбарӣ гардида буд. Комиссияи марказӣ мувофиқати номзадҳои пешбаригардидаро ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди омӯзиш қарор дод. Бо қарори дахлдори КМИР рӯйхати номзадҳои ҳизбҳои сиёсии мазкур ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот тасдиқ гардид. Ҳамин тариқ, аз Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон 28 номзад, Ҳизби демократи Тоҷикистон - 3, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон - 5, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон - 13, Ҳизби аграрии Тоҷикистон - 13 ва Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон 6 номзад, дар маҷмӯъ, 68 номзад ба қайд гирифта шуданд.

Ҳизбҳои сиёсӣ баъд аз бақайдгирӣ ҳуқуқ доранд ташвиқоти пешазинтихоботиро оғоз намоянд. Ташвиқоти пешазинтихоботӣ баъди бақайдгирӣ оғоз гардида, як рӯз пеш аз интихобот қатъ мегардад.

Комиссияи марказӣ, инчунин, дар бораи бақайдгирии ҳайати мушоҳидони байналмилалӣ аз Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ қарор қабул намуд.

Ҳамчунин, байни ҳизбҳои сиёсии дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироккунанда бо мақсади эҳтироми ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон, риояи сатҳи баланди фарҳанги сиёсӣ ва маърифати интихоботӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқи интихоботии дигар субъектони раванди интихобот дар ҷараёни ташвиқоти пешазинтихоботӣ, сӯиистифода накардан аз озодии воситаҳои ахбори омма, риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ созиш вобаста ба гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонда шуд.

**Ш. АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# БО РУҲБАЛАНДӢ РӮ БА ОБОДКОРӢ

**Гулистон аз ҷумлаи калонтарин деҳоти ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳисоб рафта, дар қисмати шарқии пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе қарор дорад. Чанде пеш як қисми ҳудуди деҳоти мазкур ба шаҳри Душанбе ҳамроҳ карда шуд. Имрӯз дар ҳудуди деҳоти мазкур зиёда аз 35000 аҳолӣ кору зиндагӣ мекунанд.**

Вақте бо нияти омода кардани ин матлаб ба идораи ҷамоати деҳот рафтем, маъмурияти он серташвиш буданд, зеро интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ наздик асту онҳо ба ин маъракаи муҳими сиёсӣ омодагӣ доштанд. Бо вуҷуди серкорӣ раиси ҷамоати деҳоти Гулистон Ашраф Шарифов ба суолҳои мо посух дод:

- Дар ҷамоат алҳол 290 хоҷагии деҳқонӣ, аз ҷумла 5 хоҷагии деҳқонии ёрирасон, фаъолият дорад. Дар 11 деҳаи ҳудуди ҷамоат 7 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 китобхона, 2 масҷиди ҷомеъ ва 10 масҷиди панҷвақта мавҷуд аст. Ҳамзамон, ба аҳолии деҳот 2 маркази саломатӣ, 5 бунгоҳи тиббӣ ва 4 дорухона хизмат мерасонад, - изҳор дошт дар оғози суҳбат Ашраф Шарифов.

Ба саволи мо роҷеъ ба омодагӣ ба интихоботи вакилон номбурда иттилоъ дод, ки дар деҳот 10 участкаи интихоботӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 ҳавзаи интихоботии интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Рӯдакӣ, комиссияи интихоботӣ ва 20 ҳавзаи интихоботии интихоботи вакилони ҷамоати деҳоти Гулистон ташкил шудааст. Дар участкаҳои интихоботӣ комиссияҳо таъсис дода шуда, бо асбобу лавозимоти зарурӣ таъмин мебошанд. Рӯйхати интихобкунандагонро тартиб дода, участкаҳои интихоботиро бо ҳуҷраҳои овоздиҳӣ, қуттиҳои калону майда таъмин намудаанд.

Дар деҳоти Гулистон бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани Ҷашни бошукӯҳи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бунёдкорӣ вусъат ёфтааст. То рӯзи ҷашни фархунда бунёди иншооти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Алҳол 10 иншооти ҷашнӣ, аз ҷумла се синфхонаи иловагӣ барои 60 хонанда дар як баст дар назди МТМУ №38 деҳаи Сангтӯда, бинои иловагии дуошёна иборат аз 12 синфхона бо инфрасохтори замонавӣ барои 320 хонанда дар як баст дар назди МТМУ №40 деҳаи Зартеппа, чор синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №108 деҳаи Дарёбод, чор синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №166 деҳаи Болошаҳр, мағозаи фурӯши гулу буттаҳои ороишӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, дорухона ва маркази савдои молҳои ниёзи мардум дар деҳаи Сангтӯда, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ бо тамоми инфрасохтори замонавӣ, воқеъ дар шоҳроҳи Душанбе-Ваҳдат, нуқтаи савдо ва маркази хизмати маишӣ дар деҳаи Тезгари поён, маркази савдои молҳои ниёзи мардум дар деҳаи Майсазор бо саҳмгузории сокинон ва дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Дар баробари ин, роҳҳои дохили маҳаллаҳо мунтазам тахту ҳамвор ва мумфарш мешаванд. Аз ҷумла корҳои таъмиру таҷдид ва нигоҳдории роҳҳо дар деҳаҳои Сангтӯда, Меҳан, Дарёобод анҷом ёфта, ободонӣ ва мумфаршкунии роҳҳои деҳоти дигар ба нақша гирифта шудааст.

- Имрӯз давлат ва Ҳукумати мамлакат дар баробари таъмини сулҳу оромӣ тамоми шароитро муҳайё кардааст, то мо якҷо Ватанамонро ободу пешрафта гардонем. Сокинини деҳоти Гулистон корҳои ободонию бунёдкориро бо руҳбаландию ифтихор аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон, сиёсати созандагии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом медиҳанд, - гуфт дар фарҷоми суҳбат Ашраф Шарифов.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ 20% АФЗУДААСТ



**Соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 53,8 миллиард сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2023-юм 20 дарсад ё 7,5 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Ин нуктаро вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир дар нишасти матбуотӣ зикр кард.**

Бино ба гуфти ӯ, аз ҳаҷми умумии маҳсулот 56,3 дарсад ба саноати коркард, 24,8 - истихроҷ, 18,3 - таъмини неруи барқ, газ, буғ, тозакунии ҳаво ва 0,6 дарсад ба соҳаи таъмини об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дуюмдараҷа рост меояд.

Иттилоъ гирифтем, ки то якуми январи соли равон дар кишвар 3774 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2023-юм 330 корхона зиёд мебошад. Аз ҳисоби корхонаҳои нав дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 134,7 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Ҳамчунин, 74 корхонаи аз фаъолият бозмонда мавҷуданд, ки нисбат ба аввали соли 2024-ум 50 корхона кам аст.

Зикр шуд, ки соли гузашта барои истеҳсоли маҳсулоти нав, ташкили истеҳсолот, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳа 9 миллиарду 491,9 миллион сомонӣ маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардиданд, ки дар қиёс ба соли 2023-юм 1 миллиарду 621 миллион сомонӣ зиёд аст.

**Ш. АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

## НАШРИ 120 НОМГӮЙ КИТОБҲОИ ДАРСӢ

**Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нашри 120 номгӯйи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 9 миллиону 154 ҳазор нусха ба нақша гирифта шудааст.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иттилоъ дод.



- Дар заминаи дастури Сарвари давлат бо мақсади таҷдиди минбаъдаи барномаю китобҳои дарсӣ консепсияҳои таълифи китобҳои дарсӣ аз фанҳои таърихи халқи тоҷик ва адабиёти тоҷик таҳия гардида, барои мувофиқа ба вазорату идораҳо пешниҳод шудааст.

Соли 2024 ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 5 миллиону 14 ҳазору 464 нусха китоби дарсӣ, бадеӣ ва маводи таълимӣ дастрас гардид. Аз ин теъдод 4 миллиону 617 ҳазору 946 нусхааш танҳо китоби дарсӣ буда, нисбат ба соли 2023-юм 117 ҳазору 965 нусха зиёд аст,- афзуд Раҳим Саидзода.

**Г. РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

## 95 МУАССИСАИ ТОМАКТАБӢ БУНЁД ГАРДИД



**Соли 2024 дар ҷумҳурӣ 428 ҷамоати шаҳраку деҳот ва 5931 кумитаи маҳалла ба қайд гирифта шудааст. Аз 428 раиси ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 407 нафарашон маълумоти олӣ дошта, 52 нафар то синни 35-сола ва 357 нафар то синни 63-сола мебошанд. Ин хабарро раиси Кумитаи рушди маҳал Шарифҷон Ҷумъазода зимни нишасти матбуотӣ расонд.**

- Кумита тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми январи соли 2020 таҳти №АП-1325 оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2019 зикр гардиданд, барои дар давоми 10 сол дар ҳар деҳа ва маҳали аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд, бунёд кардани муассисаи томактабӣ, толор ва майдончаи варзишро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, дар давоми чор соли охир рафти иҷрои онро мавриди таҳлил қарор дод. То 1-уми декабри соли 2024 дар ҷумҳурӣ 95 муассисаи томактабӣ, 312 толор ва 812 майдончаи варзиш бунёд гардидааст, - зикр кард номбурда.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ДДОТ. 19 ХАТМКАРДА МАБЛАҒИ ТАҲСИЛРО БАРГАРДОНДАНД



**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки соли 2024 шумораи донишҷӯён 16469 нафарро ташкил дода, 6352 нафар дар шуъбаи рӯзона, 10117 нафар дар шуъбаи ғоибона ва таҳсилоти фосилавӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд. 643 нафар тариқи Квотаи президентӣ таҳсил менамоянд.**

Зикр шуд, ки оид ба тақсимот ва ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавони равияҳои омӯзгорӣ дар соли сипаришуда 447 нафар хатмкунандагони буҷетии шуъбаи рӯзона тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти омӯзгорӣ сафарбар шуданд. Аз шумораи умумии сафарбаршудагон 60 нафар бо сабабҳои гуногун ба ҷои кор ҳозир нагардиданд, ки 19 нафари онҳо 272460 сомонӣ маблағи таҳсилро ба буҷети давлат баргардониданд

Айни ҳол дар донишгоҳ 1642 нафар шаҳрвандони хориҷӣ аз Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Покистон, Афғонистон, Чин ва Олмон дар зинаҳои гуногун ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

**М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ДАТ ВЕТЕРИНАРҲОИ АНГЛИСИДОН ОМОДА МЕНАМОЯД

**- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2024-2025 аз рӯи 53 ихтисос довталабонро қабул карда, мутахассисонро дар доираи гурӯҳи ихтисос (кластер)-ҳои 1, 2 ва 5-ум омода менамоянд, - хабар дод ректори донишгоҳ Усмон Маҳмадёрзода дар нишасти матбуотӣ.**



Номбурда зикр кард, ки дар таърихи донишгоҳ аввалин маротиба гурӯҳи англисӣ ташкил шуд. Ҳамзамон, раёсати донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки дар оянда теъдоди чунин гурӯҳҳоро дар факултетҳо зиёд намояд.

Дар соли 2024 аз тарафи олимону омӯзгорони донишгоҳ 19 китоби дарсӣ, 64 дастури методӣ, 8 монография, 19 тавсиянома, 1062 мақолаи илмӣ нашр гардида, 98 мақолаи устодони донишгоҳ дар хориҷи кишвар ба табъ расидааст.

**М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ДДТТ БА ДАҲГОНАИ БЕҲТАРИН ШОМИЛ АСТ

**- Мувофиқи раддабандии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ солҳои охир дар даҳгонаи беҳтарин муассисаҳои олии кишвар қарор дорад, - гуфт ректори донишгоҳ Хайрулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ.**



Ӯ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилро дар омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва ҷалби ҳайати профессорону омӯзгорони соҳибтаҷрибаи сатҳи ҷаҳонӣ барои гузаронидани машғулият ва семинару ҳамоиш дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ арзёбӣ намуд. «Дар робита ба баланд бардоштани таҷрибаи устодон аллакай табодули онҳо бо 4 муассисаи таҳсилоти олии хориҷи мамлакат оғоз гардид», - афзуд Х. Назарзода.

Зикр гардид, ки донишгоҳ соли 2024 бо донишгоҳҳои ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Россия, Руминия, Испания, Кореяи Ҷанубӣ, Туркия, Чин ва дигар донишгоҳҳо дар шакли ҳузурӣ ва маҷозӣ табодули академӣ намуд.

Соли 2024 дар донишгоҳ ба хотири баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва забономӯзии омӯзгорону донишҷӯён ба тариқи онлайнӣ ҳафт даври омӯзишӣ доир шудааст.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## ТВ «БАДАХШОН» БА ФОРМАТИ HD ГУЗАШТ

**Телевизиони минтақии «Бадахшон» ҳам ба формати дақиқияташ баланди HD гузашт, ки ин рӯйдод дар таърихи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бори аввал аст.**

Дар ин хусус сардори идораи телевизион ва радиои ВМКБ Тоҷинисои Файзуллобек зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, зикр намуд, ки маҳз бо таваҷҷуҳ ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин иқдоми неку созанда амалӣ гардид ва дастгоҳу таҷҳизот барои гузариш ба сифати муосиру меъёрҳои байналмилалии HD аз ширкатҳои бонуфузи пешрафтаи ҷаҳон дастрас шуд. Гузариш ба шакли HD имконият медиҳад, ки минбаъд хабару гузориш ва барномаҳо тариқи телевизиони «Бадахшон» бо сатҳу сифати баланди садою симо ва мутобиқ ба талаботи замон пешкаши тамошобинон шаванд.

Бо дастгириҳои Ҳукумати мамлакат ба телевизиони маҳаллӣ иловатан ду танзимгоҳи замонавӣ, ду камераи 4 КА, таҷҳизоти муосири бандубаст ва равшанидиҳанда низ дастрас шудааст.

- Телевизиони «Бадахшон» дар таҳияву пахши барномаҳои гуногунжанр, инчунин, пешниҳоди ахбор бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ минбаъд роҳу усулҳои навро истифода намуда, дар тарғиби сиёсати созандаи давлату Ҳукумати мамлакат нақши бештар мегузорад, - тавзеҳ дод сардори идораи телевизион ва радиои ВМКБ.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**



## КӮЛОБ. 122 ҚАРОРИ РАИСОНИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО БЕКОР ШУД

**Юсуф Саидзода, раиси кумитаи идораи замини шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки соли 2024 ба 180 қарори раисони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб аз ҷониби прокуратура эътироз оварда шуд, ки дар натиҷа 122 қарор бекор гардид.**

Маълум шуд, ки соли 2024 аз тарафи мутахассисони кумитаи идораи замини шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 1491 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин дар 3943,73 гектар ошкор ва нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон протокол тартиб дода шуда, ба маблағи 631 ҳазору 180 сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд, ки аз ин ҳисоб 528 ҳазору 152 сомонӣ ба суратҳисоби махсуси кумитаҳои идораи замини шаҳру ноҳияҳо ворид гардидааст.

Инчунин, мутахассисони кумитаҳои замини шаҳру ноҳияҳо дар давраи сипаришуда 170 ҳолати худсарона ишғол намудани майдони 15,65 гектар заминро ошкор намуданд.

Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 65 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин дар майдони 9,5 гектар ошкор ва ба ҳолати аввала баргардонида шуд.



Ба саволи он ки соли 2024 оид ба расмиятдарории ҳуқуқи истифодаи замин чӣ корҳо анҷом дода шуданд, Ю. Саидзода посух дод, ки 22 ҳазору 743 парвандаи заминсозӣ омода гардидааст.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# МУНЗИМРО ДУРУСТ БИШНОСЕМ

**Яке аз масъалаҳои то ҳол ҳалли дурусти худро наёфта соли таваллуди Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим мебошад. Аз рӯи маълумоти «Адибони Тоҷикистон» (Хуҷанд: Ношир, 2024.- с.198) он соли 1877 нишон дода шудааст. Фикр мекунам, ки ин санаро аз рӯи санаи машҳури таваллуди устод Садриддин Айнӣ пазируфтаанд. Яъне, соли таваллуди Садриддин Айнӣ 1878 мебошад ва ӯ навишта, ки Мунзим аз ман як сол калонтар буд. Дар ин сурат, санаи 1877 дуруст меояд. Аммо муҳаққиқ шодравон Соҳиб Табаров бо далелҳои муътамад санаи таваллуди Садриддин Айниро соли 1875 муайян кардааст ва бархе аз муҳаққиқон ин санаро дуруст шуморида, дар корҳои илмиашон мавриди истифода қарор додаанд.**

Соҳиб Табаров дар асараш «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899»)(Душанбе: Матбуот, 2008.-с.7) нигоштааст: «Худи ӯ (Садриддин Айнӣ – Ҳ.З.) дар ҳуҷҷатҳои расмӣ - алалхусус дар паспорт (шиносномааш) се сол хурдсол қайд гардидани синнашро чӣ дар суҳбатҳои шахсӣ ва чӣ дар номаю тарҷумаҳои ҳолаш ҳанӯз дар ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш баён карда буд. Чунончи, Садриддин Айнӣ 23 ноябри соли 1934 дар тарҷумаи ҳоли ба Абулқосим Лоҳутӣ ирсолкардааш чунин навишта буд: «Ман дар соли 1878 (мувофиқи ҳуҷҷатҳо, аммо дар ҳақиқат дар соли 1875) таваллуд ёфтаам (Архиви Лоҳутӣ, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, ф.16, воҳиди ҳифзи 2, в.1)». Ин ҳақиқатро соли 1947 ба адибони ӯзбек Адҳам Ҳамдам ва Назирмат низ навишта буд: «Дар ҳақиқат ҳозир ман 72-сола бошам ҳам, (аломати вергул нодуруст гузошта шудааст Ҳ.З.) дар асоси паспорт (бояд баъди «паспорт» гузошта шавад) 69-солаам (Ҳамон ҷо.-с.7-8)».

Агар ин санаро қабул дошта бошем, санаи таваллуди Мунзим бояд соли 1874 бошад. Ин дар ҳолест, ки Соҳиб Табаров пас аз таҳлилу баррасӣ онро 1875 навиштааст (Табаров, С. Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим. – Душанбе: Нодир, 2008.-с.4). Ин муҳаққиқ дар асари мазкураш менависад: «То кунун дар як қатор сарчашмаҳо соли таваллуди Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим 1294 ҳиҷрӣ (1877 мелодӣ) таъкид гардидааст, ки ба



қатори чунин муаллифон ва ёддоштнависон Шарифҷон махдуми Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, муаллифони «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (ҷ.1), «Адибони Тоҷикистон» - русию тоҷикӣ (1966, 1976, 1981, 1986, 2003), ҳамсари Мунзим Муҳиба Бурҳонова дохил мешаванд. Муаллифони китоби дарсии «Адабиёт» (соли 1934) Шарифҷон Ҳусейнзода ва Шавкат Ниёзӣ, ки шогирди бевоситаи Мунзим буданд, дар боби «Мунзим»-и ин асарашон дар зери ибораҳои «ин маълумот дар зиндагиаш аз худаш гирифта шудааст», соли таваллуди шоирро 1874 ба қалам додаанд. Баъзе дигар муаллифон ва ҳуҷҷатҳо соли таваллуди Мунзимро 1872 («Таърихи адабиёти советии тоҷик», ҷилди 1) ва соли 1876 (Энсиклопедияи Калони Советӣ, нашри 2, ҷ. 41) ва шаҳодатномаи узви Иттифоқи касабаи саноати коғазбарорӣ ва полиграфии №6979, ки дар дасти наберааш Алиҷон Бурҳонов маҳфуз аст, низ пешкаш кардаанд. Дар парвандаи писараш Бурҳонов Раҳим Мунзимович соли таваллуди Мунзим бо дастхати худи Бурҳонов 1878 нишон дода шудааст.

Дар паспорти серияи ПА № 006604, ки ба номи хидматчии нафақагири тоҷик Абдулвоҳид Бурҳонов 28 ноябри соли 1933 дода шудааст, соли таваллуди ӯ 1875 қайд гардидааст. Охирин ахборе, ки Х. Отахонова аз рӯи «Арзи ҳол»-и худи Мунзим пешниҳод кардааст, Мунзим дар соли 1875 таваллуд ёфтааст».

Тавре бармеояд, санаҳои гуногун дар мавриди соли таваллуди Мунзим мавҷуд аст. Муҳаққиқ Соҳиб Табаров ҳамин сол, яъне 1875-ро пазируфтааст. Ӯ менависад: «Ҳоло ба санаи паспорт ва «Арзи ҳол»-и худи Мунзим такя карда, соли таваллуди ӯро 1875 шуморидан мумкин аст». Албатта, ҷойи тааҷҷуб низ мебошад, ки асарҳои ин муҳаққиқ бо номҳои «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» ва «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899)» дар як сол: соли 2008 ба табъ расидаанд. Яъне, соли таваллуди Садриддин Айнӣ агар 1875 бошад, пас соли таваллуди Мунзим бояд 1874 бошад. Дар ин маврид навиштаи Шарифҷон Ҳусейнзода ва Шавкат Ниёзӣ, яъне соли 1874 дуруст аст. Муаллифони мазкур барҳақ зикр кардаанд, ки «ин маълумот дар зиндагиаш гирифта шудааст». Ҳамин тавр, санаи таваллуди Мунзимро бояд 1874 бидонем ва бинависем. Тафовут дар ин сурат ба маълумоти «Адибони Тоҷикистон» (2024) 3 сол аст.

Дар ин китоб, яъне «Адибони Тоҷикистон» (2024.-с. 198) санаи пазириши Мунзим ба Иттифоқи навиcандагони Тоҷикистон соли 1934 мебошад: «Аз соли 1934 узви Иттифоқи навиcандагони Тоҷикистон аст».

С. Табаров санаи пазириши ӯро ба Иттифоқи навиcандагон соли 1932 навиштааст. Дар ин маврид нигоштааст: «Пас аз он ки дар соли 1932 Комитети ташкилии Иттифоқи навиcандагони ИҶШС бо сарварии А.М. Горкий ташкил ёфт, чунин комитет бо роҳбарии Маъруф Расулӣ дар Тоҷикистон низ ба вуҷуд меояд. Комитети ташкилии Иттифоқи навиcандагони Тоҷикистон 11 феврали соли 1933 бо имзои «Раиси Комитети ташкилии Тоҷикистон» ва «котиби масъули Иттифоқи навиcандагони шуроии Тоҷикистон Абдинов» дар шаҳодатномаи муваққатии № 36 навишта буд: «Дорандаи ин шаҳодатнома рафиқ Бурҳонов Мунзим ҳақиқатан узви Иттифоқи навиcандагони шуроии Тоҷикистон буда, ба ташкилоти навиcандагони Сталинобод мансуб аст».

Муҳаққиқ С. Табаров ин сана ё худ кай додани шаҳодатномаи навиcандагии Мунзимро баён намудааст, аммо мантиқан бармеояд, ки ин сана 11 феврали соли 1933 мебошад.

Дар ҳамин солҳо: 1932-1934 ҳуҷум дар матбуоти даврӣ (ба ҷуз «Тоҷикистони сурх» (ҳоло «Ҷумҳурият») бар зидди Мунзим авҷ мегирад. Ӯро «ҳомии ақидаҳои пантуркистӣ ва панисломӣ ба қалам дода буданд» (С. Табаров. Ҳамон ҷо.-с. 96-97). Ин сабаб мешавад, ки ӯро аз узвияти ин иттифоқ хориҷ намоянд. Устод Лоҳутӣ ҳатто дар Москва ба ин иғвоҳо бовар кард, аммо қимати бадеии ашъори ӯро моҳи июли соли 1933 ёдовар мешавад.

Мунзим ба сабаби фавташ дар Анҷумани якуми навиcандагони Тоҷикистон ширкат наварзидааст.

С. Табаров менависад, ки «ӯ (Мунзим – Ҳ. З.) дар асоси ҳамин шаҳодатнома узви Иттифоқи навиcандагони СССР ҳисоб меёбад. Ҳақиқати ин фикрро боз ба он далел исбот кардан мумкин аст, ки дар рӯзҳои Анҷумани якуми навиcандагони Тоҷикистон (10-18 майи 1934) шабҳои адабии ду адиби маъруфи тоҷик Пайрав Сулаймонӣ (мутасаддии шабнишинӣ Раҳим Ҳошим), Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (мутасаддияш Қосим Дайламӣ) баргузор гардида, дар он шабҳои адабӣ саҳму хидмати онҳо дар адабиёти тоҷик ба дилгармӣ номбар карда ва ба хотир оварда мешаванд» (С.Табаров. Ҳамон ҷо-с.96.).

Дар «Адибони Тоҷикистон» (2024) санаи вафоти Мунзим 5 марти соли 1934 нишон дода шудааст: «5 марти соли 1934 аз олам гузаштанд. Санаи рӯзи вафоти Мунзим хатост, дурусташ 4 марти соли 1934 мебошад. Аз рӯи маълумоти С. Табаров, ки такя ба рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» дорад, ҳамин сана аст. Дар ин рӯз, яъне 4-уми март таъзияи хурде ба нашр расидааст: «Мунзим баъд аз андак касалӣ 4-уми марти соли 1934 дар беморхонаи шаҳри Сталинобод дар натиҷаи нохушии варами шуш вафот кард». Албатта, мурод аз «баъд аз андак касалӣ» дар беморхонаи мазкур бистарӣ шудани ӯ мебошад (аввали моҳи марти соли 1934) варна ин адиб аз соли 1932 бемор буд. С.Табаров менависад: «Мунзим дар оғози солҳои 30-юм тез-тез гирифтори касалии оммавии он даврон - вараҷа мешуд ва ин дард дар моҳҳои феврал-марти соли 1934 низ ба ӯ ҳамла намуд. Илова бар ин, Мунзим дар рӯзҳои аввали моҳи марти соли 1934 боз ба касалии варами шуш гирифтор гардида, чор шабу рӯз дар хонааш табобат ёфта бошад ҳам, сиҳатӣ намеёбад» (С. Табаров. Ҳамон ҷо - с.98). Пас аз ин ӯро ба беморхона мебаранд ва дар он ҷо аз олам мегузарад.

Шояд ин савол матраҳ гардад, ки чаро шаби адабии Мунзимро пас аз иғвову туҳмату бӯҳтонҳои матбуотӣ дар ҳаққаш дар рӯзҳое, ки Анҷумани якуми навиcандагони Тоҷикистон баргузор мегарданд, доир карданд. Посух ба ин пурсиш бояд он бошад, ки Садриддин Айнӣ бо хабар ёфтани бемории Мунзим аз Самарқанд ба Сталинобод меояд ва пеш аз маргаш дидор мебинанду суҳбат мекунанд. Инчунин, баъд аз фавташ тобути ӯро бо дастони худ ҳамроҳи А. Лоҳутӣ, котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Г.И.Бройдо ва дигар адибони тоҷик дар гӯристони назди масҷиди Ҳоҷӣ Яъқуб... ба хок супориданд» (С.Табаров. Ҳамон ҷо - с.98).

Хулоса, зарурати таҷдиди тарҷумаи ҳоли Мунзим ба миён омадааст. Ин бисёр муҳим мебошад, хоса барои таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва омӯзандагону муҳаққиқон.

**Зебунисо ҲАМИДЗОДА, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 427026 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 27.02.2025 15:15:00 |
| 2 | 427027 | Муассисаи давлатии «Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)-и шаҳри Душанбе» | Шири хушк | Озмуни кушод | Мол | 2 | 28.02.2025 11:25:00 |
| 3 | 427028 | Раёсати тандурустии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳолҳо ва ниҳолҳои гул, нуриҳои органикӣ, тухмии алафи газон | Озмуни кушод | Мол | 9 | 28.02.2025 13:50:00 |
| 4 | 426983 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони роҳҳои дохилишаҳрӣ- қисмати дуюми маҳаллаи 2-и шаҳраки Дарбанд (гузаранда) | Хариди мустақим | Кор | 1 | 11.02.2025 14:00:00 |
| 5 | 427029 | Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 28.02.2025 15:30:00 |
| 6 | 427030 | Муассисаи давлатии «Трести чарогоҳу мелиоративӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Беҳтаркунии сатҳи чарогоҳҳои зимистона дар ноҳияи Данғара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.02.2025 16:00:00 |
| 7 | 427033 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони роҳҳои дохилишаҳрӣ дар маҳаллаи навбунёди ҷамоати деҳоти «Бӯстон»-и ноҳияи Файзобод (гузаранда) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.02.2025 16:30:00 |
| 8 | 427034 | Муассисаи давлатии «Маркази таъминоти варзишӣ» | Лавозимоти варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 28.02.2025 17:50:55 |
| 9 | 427035 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода | Маводи канселярӣ, молҳои рӯзгордорӣ, кати хоби дуқабата ва асбобҳои барқии дастӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 28.02.2025 17:55:23 |
| 10 | 427036 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» | Таъмири ҷории толори маҷлисгоҳ ва ҳуҷраҳои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.03.2025 09:50:00 |
| 11 | 427038 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ ва маводи масрафшаванда | Озмуни кушод | Мол | 6 | 03.03.2025 10:40:00 |
| 12 | 427037 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорию сохтмонӣ, аломати роҳ ва шинаҳои автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 03.03.2025 11:16:57 |
| 13 | 427039 | Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи Миратулло Атоев | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 03.03.2025 11:30:14 |
| 14 | 427042 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кӯчати гулҳои мавсимӣ ва ниҳоли бутта | Озмуни кушод | Мол | 14 | 03.03.2025 11:30:15 |
| 15 | 427041 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 ба номи Хол Раҷабов | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 03.03.2025 12:06:37 |
| 16 | 427040 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулу дарахтҳои ороишӣ, нуриҳои минералӣ ва поруи органикӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 03.03.2025 13:00:00 |
| 17 | 427044 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири роҳҳои пиёдагард дар ҳудуди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.03.2025 13:20:00 |
| 18 | 427043 | Раёсати маорифи вилояти Хатлон | Лавозимоти мактабӣ, китоб, барномаҳои мактабӣ, лавозимоти лабораторӣ, плакат, расм ва таҷҳизоти мактабӣ | Озмуни кушод | Мол | 378 | 03.03.2025 13:30:05 |
| 19 | 427045 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии 8»-и шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 03.03.2025 15:00:57 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 25-уми феврали соли 2025 музоядаи №9-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**1. Ваз - 2199, рақами тартибии гузошташуда - 2, рақами қайди давлатӣ - 0440 КА 01. Нархи ибтидоӣ - 6000 сомонӣ**

**2. Ваз - 21140, рақами тартибии гузошташуда - 3, рақами қайди давлатӣ - 2114 РЕ 01. Нархи ибтидоӣ - 7000 сомонӣ**

**3. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 5, бе рақами давлатӣ. Нархи ибтидоӣ - 12000 сомонӣ**

**4. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 6, бе рақами давлатӣ. Нархи ибтидоӣ - 15000 сомонӣ**

**5. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 8, бе рақами давлатӣ. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ**

**6. Старекс, рақами тартибии гузошташуда - 9, бе рақами давлатӣ. Нархи ибтидоӣ - 15000 сомонӣ**

**7. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 14, рақами бордон - WOLOTGF3548041000 . Нархи ибтидоӣ - 30000 сомонӣ**

**8. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 15, рақами бордон - WOLOTGF3548027690 . Нархи ибтидоӣ - 25000 сомонӣ**

**9. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 17, рақами бордон - WOLOTGF6915175641 . Нархи ибтидоӣ - 30000 сомонӣ**

**10. Опел Астра, рақами тартибии гузошташуда - 18, рақами бордон - WOLOTGF4815183936 . Нархи ибтидоӣ - 25000 сомонӣ.**

**ЭЗОҲ:** Воситаҳои нақлиёти ба фурӯш пешниҳодшуда дар ҳолати таъмирталабӣ қарор доранд ва бо дар назардошти солҳои зиёд истифода нагардидан баъзе аз қисмҳояшон вуҷуд надоранд ва ё дар ҳолати ғайрикорӣ қарор доранд. Аз ҷумла, рақами бақайдгирии давлатӣ ва аккумулятор надоранд, чархҳояшон ғайрикорӣ мебошанд ва таъмири ҷориро талаб менамоянд.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10[00]** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона супорида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 25-уми феврали соли 2025 музоядаи №10-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10[00]** барпо мегардад.

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Собуни ҷомашӯии тамғаи «Звезда» | дона | 9240 | 21252 |
| 2 | Rokafilix (фалга) | дона | 5 | 50 |
| 3 | Бастаи сони сафед | дона | 21 | 5250 |
| 4 | Мошинчаҳои хурди кӯдакона (бозича) | дона | 1500 | 4500 |
| 5 | Қуттӣ барои нигоҳдории китоб | дона | 43 | 2580 |
| 6 | Рӯйпӯши рахти хоб (истеҳсоли Ӯзбекистон) | дона | 1 | 120 |
| 7 | Телефони мобилии тамғаи «Редми» | дона | 1 | 250 |

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона супорида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДАРАК ДИҲЕД!

Дар суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд парвандаи оилавӣ бо аризаи Мадаминова Муаззам Ҷумабоевна дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд Мадаминов Разоқ Абдусаматович, соли таваллудаш 16 июни соли 1960, миллаташ тоҷик, зодаи шаҳри Хуҷанд, ҷои зисти охиронаш ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ҷамоати деҳоти Ёва, кӯчаи А. Шукӯҳӣ, хонаи 69 «б» парвандаи оилавӣ оғоз карда шудааст. Аз ҳамаи ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо ва шаҳрвандон хоҳиш менамоем, ки дар хусуси доштани маълумот нисбати Мадаминов Разоқ Абдусаматович ба суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, бо суроғаи вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Ҳобилов №3 ва ё ба телефонии 83442 3-10-14 хабар диҳанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи техникӣ барои ҳавлидорӣ бо рақами инвентарии 02/57, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 1984 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Баҳористон 47, ба Исмонқулов Мирзоқул додааст, эътибор надорад.

✓ Варақаи гумшуда бо РМА 010016918, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ба ҶДММ «Пекин» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии №А00130337, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 5 марти соли 2015, ба Иматшоева Ширин Бахтиёровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома гумшудаи интернатурӣ, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 1989, ба Абдуллоева Ширинмо Раҳимбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Замимаи гумшудаи №2016120095 ба дипломи ДМБ №0129363 таҳти қайди №1942, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 12-уми майи соли 2020, ба Қарақулова Мадина Раҳматҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 24/2, ҳуҷраи 56, ба Климентова Татьяна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии гумшудаи силсилаи №017/23, ки онро суди ноҳияи Фирдавсии суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Ҳакимзода Муҳаммад Файзулло додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ (РЯМ 0430119305), ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9 августи соли 2012, ба Асоева София Хасановна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БМҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 21, хонаи 34, ба Қодирқулов (ҳоло Вазиров) Ҷамшед додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БМҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Есенин, хонаи 6, ба Джураева Замира Одилжоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи ҳарбии силсилаи ҶТ №779030, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Нуробод 5 апрели соли 2018, ба Санҷари Комилзод додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0151481 бо қайди 368, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ 14 июни соли 2013, ба Одинабеков Ҷамшед Олимович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи Т-АТУ №0407544, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2017, ба Абдуллоев Алишер Абдуразоқович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ТСИ №0007791 бо қайди 0092004, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 8 июни соли 2004, ба Каримов Санджар Рахматович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии дороиҳои минтақаи истироҳатӣ бо силсилаи №0052231 таҳти №616, ки онро Комиссияи қонунигардонии дороиҳои шаҳри Норак 15 августи соли 2023 бо суроғаи шаҳри Норак, ҷамоати деҳоти Пули Сангин, деҳаи Тутқавул, ба Асоева Робиа Шамсуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Мошинаи гумшудаи назорати хазинавӣ-фискалии «Миника 1105» таҳти №2009898, мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Рамазонов Суҳроб Шералиевич (РЯМ 040065570), эътибор надорад.

✓ Мошинаи гумшудаи назорати хазинавӣ-фискалии «ОКА ПФ» таҳти №00032614, мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Рамазонов Суҳроб Шералиевич (РЯМ 040065570), эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ таҳти силсилаи ВАТҶ №0001455 бо рақами қайди ИҶ 1847, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 августи соли 2018 ба Ташкилоти ҷамъиятии «Хайрияи Рашт» додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи №976-6А/Ф4 оид ба сармоягузорӣ дар сохтмони хонаи бисёрутоқа аз 4 январи соли 2021, ки байни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авиценна» ва Хушвахтова Сайёра Мизробовна баста шудааст ва Созишномаи иловагии №067/ИС ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии хонаҳои бисёрутоқа №976-6А/Ф4 аз 4 январи соли 2021 аз 6 июли соли 2021, ки байни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авиценна» ва Хушвахтова Сайёра Мизробовна вобаста ба саҳмгузории манзили истиқоматӣ (дуҳуҷрагӣ) бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 53, ошёнаи 6, блоки П, фазаи 4, бо масоҳати умумии 71,20 метри мураббаъ баста шудааст, эътибор надоранд.

✓ Созишномаи гумшудаи №525-ГХ/И дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот аз 6 июли соли 2021, ки байни шаҳрванд Хушвахтова Сайёра Мизробовна - «Цедент» ва шаҳрванд Алимадов Саъди Хайруллоевич - «Цессионарий» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авиценна» - «Ширкат» вобаста ба гузашт кардани ҳуқуқи талабот ба манзили истиқоматӣ (дуҳуҷрагӣ) бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 53, ошёнаи 6, блоки П, фазаи 4, бо масоҳати умумии 71,20 метри мураббаъ баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов соли 2024, ба Ахмедов Ҳумайни Абдулҳакимович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (РМА 045943914, РЯМ 0430299265), ки онро Нозироти андози ноҳияи Синоии шаҳри Душанбе 10 январи соли 2010, ба Ҷалилов Ҷовид Миралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин таҳти №0504404, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Қуштеппа, деҳаи Шапкина, ба Муҳиддинов Муродали Пайзидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи №994373, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Темурмалик (собиқ ноҳияи Совет) соли 1983 ба Рустамов Равшан Эгамбердиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи Т-АТУ №0914408, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 54-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Сафаров Алиҷон Илҳомович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 20/5, ҳуҷраи 24, ба Золин Алексей Анатольевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши нуқтаи газпуркунии автомобилӣ бо силсилаи ДШ №1586780 таҳти феҳрасти №11-3487, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4 декабри соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Озодии занон, бинои 1/1, ба Маҳмадуллоев Раҷабали Муянсарович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи Т-АТА №1087704, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 13-и ноҳияи Нуробод соли 2022, ба Шукурзода Фаромӯз Зубайдуло додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Истироҳатгоҳи чашма» (РЯМ 4110002270), ки онро Нозироти андози шаҳри Норак 13 августи соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ширкати арзон» (РЯМ 0510009390, РМА 050015107), ки онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 6 сентябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 10 феврали соли 2025, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34095 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97